# ҶАЛАСАИ НАВБАТИИ ШУРОИ ОЛИМОНИ ПАЖӮҲИШГОҲИ РУШДИ МАОРИФ БА НОМИ АБДУРАҲМОНИ ҶОМИИ АКАДЕМИЯИ ТАҲСИЛОТИ ТОҶИКИСТОН

27-уми феврали соли 2026 дар Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ҷаласаи навбатии Шурои олимон таҳти роҳбарии директори муассиса Сироҷиддин Ниёзӣ бо иштироки аъзоёни Шурои олимони муассиса баргузор гардид. Нахуст, директори муассиса бо масъалаҳои рӯзномаи ҷаласа ҳозиринро шинос намуда, таъкид кард, ки фаъолияти илмӣ-таҳқиқотии пажӯҳишгоҳ бояд дар партави нуктаҳои Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, инчунин барномаҳои соҳавӣ ва дастуру супоришҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳандозӣ гардад. Қайд гардид, ки мутобиқсозии мавзуҳои рисолаҳои илмӣ ба талаботи муосири соҳаи маориф ва баланд бардоштани сифати таҳқиқот аз самтҳои афзалиятноки фаъолияти муассиса ба шумор меравад. Тибқи рӯзномаи ҷаласа, гузориши мудири шуъбаи муассисаҳои томактабӣ, ибтидоӣ, бознигариву такмили стандартҳо, барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсӣ Бобоева М. Р. оид ба «Мушкилоти омӯзиши забонҳои хориҷӣ дар муассисаҳои томактабии вилояти Хатлон» шунида шуд. Ҳамзамон, дар доираи масъалаҳои ҷорӣ мавзуҳои рисолаҳои илмӣ ва масъалаи таъйин намудани роҳбарони илмӣ барои як қатор унвонҷӯён баррасӣ гардид. Дар фарҷоми ҷаласа вобаста ба масъалаҳои баррасишуда қарорҳои дахлдор қабул гардида, ба масъулин супоришҳои мушаххас дода шуд.













